*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 107 (4527) | ДУШАНБЕ, 29 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО АБДУЛЛО ШОҲИД



26 августи соли 2022 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси иҷлоси 76-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид Абдулло Шоҳидро ба ҳузур пазируфтанд.

Зимни мулоқот, ки маҷмӯи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он баррасӣ гардид, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми муассири Созмони Милали Муттаҳидро дар умури байналмилалӣ, бахусус таъмини рушди устувор ва истиқрори сулҳу субот, таъкид намуданд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, масъалаи татбиқи «Рӯзномаи ҷаҳонии рушд то соли 2030», Ҳадафҳои рушди устувор ва вазъи феълии сайёраро баррасӣ карданд.

Бо таъкиди алоқамандӣ ба идомаи ҳамкории судманду гуногунарса бо СММ Сарвари давлат аз истифодаи минбари он барои муаррифии ташаббусҳои созанда ва ҳадафҳои ҷаҳонии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуданд. Саҳми хосаи Тоҷикистон дар пешбурди барномаҳои СММ ва татбиқи онҳо таъкид гардид.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои таъсиси Гурӯҳи ҷаҳонии вокуниш ба буҳрони ғизоӣ, энергетикӣ ва молиявии Созмони Милали Муттаҳид, баргузории «Саммит оид ба дигаргунсозии маориф», «Саммити ҷаҳонии иҷтимоӣ», «Саммитиояндаи мо» ва пешбурди рӯзномаи оби Созмони Милали Муттаҳид, баррасӣ гардиданд.

Ҳамчунин, ба масъалаи мушкилоти тағйирёбии иқлим, офатҳои табиии марбут ба об, гармшавии ҳаво ва обшавии пиряхҳо, ки ҳар сол зарарҳои моливу моддии зиёд ба бор меоранд, таваҷҷуҳ зоҳир гардида, зарурати эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», таъсис додани «Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва эълони «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ба миён гузошта шуд.

Ҷонибҳо дар самти мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ, ҳамкории муштараки кишварҳои аъзои СММ-ро зарур донистанд.

Зимни баррасии вазъи Афғонистони ҳамсоя ҳамкории васеъ ва амалии ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҷиҳати идомаи расонидани кумакҳои башардӯстона ба мардуми он кишвар зарур шумурда шуд.

Ҷониби Тоҷикистон омодагиро ҷиҳати истифодаи васеи имкониятҳои логистикиаш барои расонидани чунин кумак ба мардуми Афғонистон таъкид намуд.



# СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**26 августи соли 2022 суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид муҳтарам Антониу Гутерриш доир гардид.**

Ҷонибҳо ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳидро, аз ҷумла оид ба масъалаҳои калидии байналмилалӣ, бахусус таъмини сулҳу суботи фарогир ва рушди устувор, мавриди баррасӣ қарор доданд.

Сарвари давлат омодагии ҷониби Тоҷикистонро ҷиҳати идомаи тақвияти ҳамкориҳо бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои сохтории он дар ростои пешбурди рӯзномаи ҷаҳонӣ, бахусус масъалаҳои обу иқлим, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ, таъкид намуданд.

Дар робита ба вазъи ҷории ҳамсоякишвари Афғонистон низ табодули афкор сурат гирифт. Пешвои миллат таъкид намуданд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ба кумакҳои башарӣ ба мардуми азияткашидаи Афғонистон идома диҳад ва онро дар шароити мушкили имрӯза танҳо нагузорад. Вобаста ба ин омодагии ҷониби Тоҷикистон ҷиҳати саҳмгузорӣ дар ин раванд, аз ҷумла тавассути пешниҳоди имкониятҳои логистикии кишвар барои расонидани чунин кумак, иброз гардид.

Президенти мамлакат дар баробари зикри саҳми муҳими ҳайати Созмони Милали Муттаҳид оид ба мусоидат ба Афғонистон изҳори умед намуданд, ки СММ ва ниҳодҳои марбутаи он ба қазияи Афғонистон минбаъд низ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир хоҳанд кард.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ба тамосҳо ҷиҳати баррасии ин ва дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ идома хоҳанд дод.

**www.president.tj**

**Роғун – арсаи нанг**

# НБО «РОҒУН» – ТАВЛИДГАРИ «ЭНЕРГИЯИ САБЗ»

**Дар ин фасли сол, ки гармои тамуз ҳукм меронад, осмон гӯё бо ранги муқаррарии худ аз гармӣ ба танг омадааст. Дар фазои Роғун абрпораҳо мисли варақҳои нақшин шино намуда, ба осмони софу беғубор аксандозӣ доранд. Табиат ҳам ба корномаи Роғун бо ҳавас менигарад ва бо навои дарё ҷӯр гашта, ба нурофарон хаёле таъзим мекунад.**

Дар Роғун табиат ҳазору як ранг дорад. Атрофи неругоҳи азими асрро шоҳкориҳои табиати афсонавӣ гулкорӣ кардааст. Аз нишебу фарози кӯҳсорон ҳавои мушкбез сайр дорад. Дар ин ҳавои гарми тобистон дар қалби кӯҳсорон каристони мардони баору номус ҷӯш мезанад. Дар синаи кӯҳ нақши тешаи Фарҳоди кӯҳкан пойбарҷост. Ҳар гоҳе ки теша мезанад, садои агрегатҳо бо садои теша ҷӯр мегардад. Нидои Фарҳодро мешунавем, ҳоло Роғун бо садои путки коргару овози беисти агрегатҳо майдони корзор аст. Дар Роғун барҳақ табиат барои эҳёи ин марзу бум дари файзу нусраташро кушодааст. Иқлим, боду ҳавои мусоид, дарёи равон маъвои писандидаи мардум гаштааст. Ин дам гӯё дарё мавҷ мезанад, кафк мекунад ва суруд мехонаду розҳои худро ифшо месозад. Ин ҷо ҳар қатраи об ба нур табдил ёфтааст. Нурҳо аз синаи оби соф маншаъ гирифта, ба қисми обпарто мерезанд.

Сояи кӯҳи азим болои нақбу майдони користонро пӯшондааст. Часпу талош лаҳзае қатъ намегардад, равуои беисти нақлиёт сукути кӯҳҳои пурасрорро мешиканад.

Ҳангоме ки ба макони нурофарон расидем, ҳаво гармтар гашт. Маълум шуд, ки гармии рӯзҳои охир ба табиат таъсир гузоштааст. Аммо дар неругоҳ кор ҷӯш мезанад. Бо Мурод Лоиқзода ҷавони танумандe, ки кафшергар аст, вохӯрдем. Ӯ нигоҳи кунҷковонаи моро дида гуфт, ки неругоҳ майдони нангу номуси ватандорӣ ва коргоҳи талошу диловарист. Ин боду ҳаво ҳам ягон мушкиле эҷод намекунад, коргарон аз пештара дида зиёдтар фаъоланд.

Дар ҳақиқат, коргарони маҳаллӣ дилдодаи кору ҳунари хеш мебошанд. Онҳо имрӯз масъулияти азим ба дӯш доранд ва чун фарзанди боиродаи тоҷик паи ҳар чӣ зудтар сохтани ин неругоҳ пайваста заҳмат мекашанд. Мурод афзуд, ки бо эҳсоси баланди масъулият ба НБО «Роғун» ба кор омадааст. Солҳои зиёд дар неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда 1», «Сангтӯда 2» фаъолият карда, таҷрибаи ғанӣ дорад. Иброз дошт, ки маҳз ташаббускорӣ, иқдомҳои неки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки солҳои охир дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» кор ҷӯш мезанад. Ин сохтмони аср маҳз бо ҳидояту пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба майдони корзору қаҳрамонӣ ва диловарӣ табдил ёфтааст. НБО «Роғун» армони миллати тоҷик аст. Онро бо ҳар баҳое бояд сохт!

Устоди зиндаёд Бозор Собир барҳақ Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро «Бастакори ГЭС-и Роғун» номида буд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба трактор нишаста, маҷрои рӯди Вахшро дигар карданд.

Ҳоло дар сохтмони неругоҳ беш аз 50 ташкилоту муассиса ҳиссагузор аст.

Аз наздик дидани иншооти асосии Неругоҳи барқи обии «Роғун», ба кас ҳаловат мебахшад ва бори дигар ба дастони ганҷофарини коргари тоҷик аҳсан мехонад. Дар ду нақби обпарто, бинои асосии неругоҳ ва бинои трансформаторҳо кор бо ҷӯшу хурӯш идома дорад. Касе бекор нест, шӯру валвалаи дарёи саркаши Сурхоб қатъ шудааст. Дарё мутеи коргарон аст. Онҳо кӯшишу заҳмат доранд, ки корро дар муҳлати муайяншуда ба итмом расонанд.

Шаҳраки коргарон майдони ҳақиқии нангу номусро мемонад. Равуои нақлиёти хурду бузург лаҳзае қатъ намегардад. Тамошои техникаҳои гуногунтамға касро ба ҳайрат меорад. Тааҷҷуби маро марде, ки дар тан либоси махсус дошт, дида наздам омад ва худро шинос кард: - Обидҷон Наимов - ронанда. Аз Душанбе омадед?!

- Бале, - гуфтам.

- Дар бунёди НБО «Норак» ширкат доштам. Он вақт ин қадар техникаи пуриқтидор набуд. Ҳоло техникаҳои нав ворид кардаанд, ки кӯҳро талқон мекунад. Ман дар мошини «МАЗ» кор мекунам, ҳар 15 рӯз пас маош мегирем, - гуфт Обидҷон.

Ҳамсуҳбатам баробари дар бораи кори нақлиёт маълумот додан афзуд, ки ҳоло дар нақбҳо таҷҳизоти навро насб кардаанд, ки кори пармагаронро хеле осон намудааст.

- Ин дастгоҳ имконият медиҳад, ки якбора зиёда аз 10 метри нақбро тоза созем. Ҳамаи техникаи муосирро коргарони тоҷик идора мекунанд, - ин гапро гуфту чеҳраи ҳамсуҳбатам шукуфт.

Дидам, ки як ронандаи одӣ бо чӣ қадар ифтихору садоқат андешаронӣ дорад.

Моро ба ошхонаи коргарӣ даъват карданд. Он ҷо дар як навбат беш аз 500 нафар хӯрок мехӯранд. Ороишу ҷиҳози он ҷавобгӯи талабот аст.

Дарёи Сурхоб моро ноаён сӯи хеш мехонд. Овози пуртуғёни дарёро аз наздиктар шунидан хостам ва ба соҳили он, ки дар бағали кӯҳҳо, миёнаи дараи пурасрор ҷой гирифтааст, расидам.

Агар шумо боре ба ҳам пайвастшавии дарёҳои Сурхобу Хингобро дида бошед, мутмаин мешавед, ки Тоҷикистон сарзамини афсонавӣ аст. Сурхобу Хингоб дар ноҳияи Нуробод бо ҳам пайваст шуда, мисли ҷуфти нозанин рози дил мегӯянд. Сурхобу Хингоб сар ба сангҳо зада, аз гирдобҳо, тангноҳо гузашта, ранги кабудчатобро ба худ мегиранд. Вахш аз ҳамин дараи кӯҳистон ибтидо гирифта, ба рӯди бузурги нуровар табдил меёбад…

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фармудаанд: «Бахти баланди мост, ки ҳарчанд захираҳои бузурги нефту газ надорем, вале табиат сарзамини зебои моро бо сарвати бебаҳову беинтиҳои гидроэнергетикӣ, яъне сарчашмаҳои камназири дарёҳо шодоб гардонидааст, ки аз баракати онҳо Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои оби нӯшокӣ дар сайёра яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад. То шаст фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбанд».

Тоҷикистон барҳақ диёри обҳои мусаффо, кӯлу дарёҳои нуқратоб аст. Дар ҷумҳурӣ зиёда аз 25 ҳазор рӯду сой ва обанбору дарёҳои хурду азим ҷойгиранд, ки дарозии умумиашон ба навад ҳазор километр мерасад. Ҳамин обҳо манбаи адонашавандаи барқ мебошанд. Дар оғӯши Вахш НБО «Роғун» чун умеду пирӯзии миллати тоҷик эҳё мегардад. Ҳангоми тамошои иншооти аср - НБО «Роғун» суханони адиб ва рӯзноманигори рус Александр Прохановро ба хотирам расид, ки гуфтааст: «Неругоҳи барқи обии «Роғун» сохтмони президентист. Он фарзанди дӯстдоштаи Президент Эмомалӣ Раҳмон аст. Вай онро чун ёдгории давраи давлатдории хеш бунёд мекунад».

Бегуфтугӯ, Неругоҳи барқи обии «Роғун» бунёд мешавад ва бо шарофати он диёрамон ба сарзамини сабз табдил меёбад. Зеро НБО «Роғун» тавлидгари «энергияи сабз» мебошад.

**Маҷид САЛИМ, нависанда**

# КИТОБИ «ТОҶИКОН»



**Муҳаммад ҒОИБ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

**Аз китоби «Тоҷикон» оҳанги бедорӣ расад,**
**Ҷашни мотамдори даврони гаронборӣ расад.**
**Ҳарфҳо тиранду хатҳо найзаҳо, ҳар сафҳа дашт,**
**Аз ҳамин саҳро фақат бонги ватандорӣ расад.**

**Мерасад аз дур овози ливодорон ба гӯш,**
**Пур шавад аз ҳарфи хашмолуд саҳрои хамӯш.**
**Рӯи осоиш куҷо бинад ватандори асил?**
**Пеши рӯ ояд набарди зиндагибахши Куруш.**

**Шиҳаи аспону фарёди саворон мерасад,**
**Аз раҳи таърих бонги сарбадорон мерасад.**
**Хок мисли дуд хезад аз паи ҳар шермард,**
**Мисли он ки баъди боду барқ борон мерасад.**

**Гӯиё ояд зи қаъри чоҳҳову ғорҳо:**
**Шуд ҳазорон тан ғизои мӯрҳову морҳо.**
**Қудраташро марди танҳомонда ҳам гум мекунад,**
**Мисли шери монда байни галаи кафторҳо.**

**Сулҳи кишвардор орӣ нест аз осори ҷанг,**
**Гаҳ ба пайванди худаш, бар шиша носоз аст санг.**
**Даври қудрат бигзарад, монад ба лавҳи ёдҳо**
**Номҳои ҳокимони дар ҷасорат ранг-ранг.**

**Мулкдорӣ чист? Фикри дури мардум кардан аст,**
**Хешро дар ҷодаи дарёфтан гум кардан аст.**
**Саҷда бар хоки муқаддас ҳамчу гандум кардан аст,**
**Парчами номус болотар зи анҷум кардан аст.**

**Мулкдорӣ бозии ҷон дар сари мӯ будан аст,**
**Дар талоши ростӣ мисли тарозу будан аст.**
**Дорбозӣ аст, роҳи маргро паймудан аст,**
**Бар ҳама дарде, ки дар дунёст, дору будан аст.**

**Сарварӣ мушкил! Киҳо бояд сари минбар шаванд?**
**Ҷонфидоёне, ки аввал ибрати лашкар шаванд.**
**Зӯри ақл аз зӯри бозу бартарӣ дорад мудом,**
**Нангҳо бояд, ки ҷавшан, ақлҳо ханҷар шаванд.**

**Дошт ин миллат замоне аз ҳама подор тахт,**
**Бар сараш буд аз ҳама рахшандатар хуршеди бахт.**
**Вақти сармову дами гармо дигар мекард ҷой,**
**Дошт аз ҳурмат ба мулки ғайр ҳам ӯ пойтахт.**

**Хислати тоҷик аз рӯзи азал мардона буд,**
**Ғасби мулку моли ғайр аз баҳри ӯ бегона буд,**
**Ғайри даври Ғуриён кӣ ёд дорад ҳамлааш?**
**Ин ҳақиқат баҳри дигар халқҳо афсона буд.**

**Кардааст ин халқ танҳо баҳри ҳифзи мулк ҷанг,**
**Рағми дилсанги замон будаст мисли кӯҳи нанг.**
**Баъди садҳо ҳамла бар ҷонсахтҳо тан додаанд**
**Ҳам Сикандар, ҳам араб, Чингизу ҳам Темури Ланг.**

**Ҷони ҳар Заҳҳокро зоти Фаридун мегирифт,**
**Пай зи Сайҳун канда душман, роҳи Ҷайҳун мегирифт.**
**«Пой дар завлона будам, лек бо таъбири халқ,**
**Ҳинду Чинро шуҳратам бе ҷангу бе хун мегирифт».**

**Сарнавишти тоҷикон дорад ҳазорон боби талх,**
**Талхии бедорию ҳам дидааст ӯ хоби талх.**
**Меваи ширин насибаш гашт боз аз нияташ,**
**Гарчи боғашро тамоми умр доданд оби талх.**

**То ҳанӯз аз оташи дунё ба ӯ дудаш расад,**
**Ашки фарзанди Хуросон аз Фарорӯдаш расад.**
**Аз Муқаннаъ, аз Абумуслим, ҳам аз Темурмалик**
**Ибрате сарҳанг агар гирад, ба мақсудаш расад.**

**То нигаҳ дорад ба каф тоҷик муҳри бурдро,**
**Бар бузургонаш намебахшид кори хурдро.**
**То даме ҳомӣ зи бумӣ дошт, ӯ осуда буд,**
**Ҷонситон мехонд кӯчӣ сояи ин гурдро.**

**Бори аввал низ ин мардум ливо бардоштаст,**
**Боз бар рӯяш ба сад мулки ҷаҳон дар доштаст.**
**Вақти навмашқии дигар қавмҳо ин хатшинос**
**Тухми донишро ба марзи ақлҳо мекоштаст.**

**Бар сурайё тоҷик аз дониш сараш афрохтаст,**
**Дар ҳамин оина тарҳи хешро бишнохтаст.**
**Нест давлатдорӣ осон, дар ҷаҳон бори нахуст**
**Шоҳ Исмоил девони вазирон сохтаст.**

**Оварад ёд ин асар сад лашкари нотарсро,**
**Қудрате лозим, ки бикшоӣ дари нотарсро.**
**Сомӣ Ғурӣ доди нангу қаҳрамонӣ додааст,**
**Аз Яқуби Лайс омӯзем низ ин дарсро.**

**Дар раҳи ҳифзи Ватан сарҳо ҷудо аз тан шаванд,**
**Мумҳо ҳам сангҳову обҳо оҳан шаванд.**
**Гоҳ аз бегонагон бадхоҳтар низ ошност,**
**Баҳри соҳибтахт гаштан дӯстон душман шаванд.**

**Каҷниҳодон аз азал резанд хуни ростон,**
**Достон аст ин китоб аз қиссаҳои бостон.**
**«Тоҷикон» бурд обрӯи тоҷикони хоксор**
**То ба боми осмони эътироф аз остон.**

**Ин китоб аз сарбаландиҳо ҳикоят мекунад,**
**Баҳри илми қаҳрамон гаштан кифоят мекунад.**
**Мардро бар ҷодаи фатҳу зафар созад равон,**
**Бар раҳи мардонагӣ занро ҳидоят мекунад.**

**Ин китоб осори нангу ҷуръати аллома аст,**
**Гашт исбот аз ҳама ханҷар расотар хома аст.**
**Худшиносиҳои мо аз ин асар пайдо шавад,**
**Баҳри миллат ин асар, бешак, шаҳодатнома аст.**

**Тарҳи аслии Ватан пайдо шавад аз ин китоб,**
**Сарҳади мулки куҳан пайдо шавад аз ин китоб.**
**Шаҳри Балху ҳам Самарқанду Бухорову Ҳирот,**
**Чашмсурхи анҷуман пайдо шавад аз ин китоб.**

**Аз китоби «Тоҷикон» оҳанги бедорӣ расад,**
**Ҷашни мотамдори даврони гаронборӣ расад.**
**Ҳарфҳо тиранду хатҳо найзаҳо, ҳар сафҳа дашт,**
**Аз ҳамин саҳро фақат бонги ватандорӣ расад.**



# ҶАҲОНИШАВӢ.

# ИФОДАИ РАВОБИТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ Ё КОҲИШДИҲАНДАИ УНСУРҲОИ ИҶТИМОӢ?

**Вақтҳои охир дар бораи глобализатсия (ҷаҳонишавӣ) зиёд мегӯянду менависанд. Дар маҳфилу ҳамоишҳо низ аксар масъалаҳоро дар робита ба ин раванд таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаҳо низ бо дарназардошти махсусиятҳои он қабул мегардад.**

Мутаассифона, на дар ҳама ҳолат масъалаи мазкур ҳамаҷониба таҳлил ва махсусиятҳои он бо истинод ба далелу рақамҳо бозгӯӣ мешаванд. Ба ҳеҷ ваҷҳ ҷанбаҳои мусбати ҷаҳонишавиро инкор намуданӣ нестем. Вале мадди назар бояд дошт, ки дар баробари паҳлуҳои мусбат, ин раванд аз омилҳои манфӣ низ орӣ нест.

Вобаста ба таъсири манфии раванди ҷаҳонишавӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фармудаанд: «Ба андешаи ман, натиҷаи аз ҳама нигаронкунанда ва ҳатто хатарноки раванди глобализатсия ва ҷараёнҳои ба он пайванд коҳиш ёфтани ахлоқ, маънавиёт, одоб, суннат, фарҳанг ва унсурҳои дигари иҷтимоист, ки бе онҳо ҳастии ҳақиқии инсон амалан ғайриимкон аст».

Қабл аз он ки дар бораи махсусият, муҳимият ва мушкилоти ба ин глобализатсия дахлдошта андешаҳоямро баён намоям, бамаврид медонам дар бораи таъриху заминаҳои пайдоиши он мухтасар маълумот диҳам.

Тавре дар пажӯҳишҳои олимони соҳаи сиёсатшиносӣ зикр шудааст, глобализатсия падидаи нави иҷтимоиест, ки инсоният аз охири асри XX ба он мувоҷеҳ шуд. Ҳамчун марҳилаи нави инкишофи ҷамъият ва самти тараққиёти он пас аз «ҷанги сард» пайдо шуда, дар минтақаи Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, пас аз барҳам хӯрдани собиқ ИҶШС доман паҳн кард.

Мафҳуми «глобализатсия» аз охири соли 1990 ба илм ворид гардид. Аниқтараш, аввалин маротиба соли 1983 мафҳуми «глобализатсия» барои ифодаи равандҳои иҷтимоии характери умумиҷаҳонидошта истифода шудааст. Пайдоиши ин мафҳум ба калимаи лотинии «глобус» алоқамандӣ дошта, ба забони тоҷикӣ маънои «кураи замин» ё «ҷаҳонишавӣ»-ро дорад. Истилоҳи «глобализатсия» аз сабаби мазмуни васеъ доштан ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятро фаро гирифтан дар доираҳои гуногуни илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Коршиносон ба он назаранд, ки глобализатсия ҳамчун раванди муосири иҷтимоӣ ба эъмори «ҷаҳони воҳид» равона шудааст. Глобализатсия шиддати паҳншавии фарҳангҳои бегонаро нисбатан метезонад. Табиист, ки дар ин раванд фарҳанги пешсафони глобализатсия (аврупоӣ) аз бартарӣ бархӯрдор аст.

Собит шудааст, ки дар марҳилаи глобализатсия доираи молиявӣ афзуда, саноатикунонии кишварҳои рӯ ба инкишоф ба марҳилаи сифатан нав ворид мегардад. Айни замон 60 фоизи гардиши мол дар бозори ҷаҳонӣ ба давлатҳои пешрафтаи саноатӣ рост меояд, ки дар ин давлатҳо ҳамагӣ 20 фоизи аҳолии сайёра зиндагӣ менамояд.

Дар бораи ин падидаи тозазуҳур бе раддабандӣ кардани он андешаронӣ намудан мантиқан нодуруст аст. Пажӯҳишгарон дар заминаи таҳлилҳои доманадор ҷаҳонишавиро ба иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва экологӣ ҷудо кардаанд.

Глобализатсияи иқтисодӣ маънои онро дорад, ки манфиатҳои миллӣ - хоҷагидории субъектҳо аз доираи миллӣ - давлатӣ берун меравад. Муҳим он аст, ки ин навъи глобализатсия ба фароҳам шудани глобализатсияи сиёсӣ боис мегардад, зеро вазъи сиёсии як кишвар ба устуворӣ ва ҳолати сиёсии кишвари дигар таъсир мерасонад.

Аз ҷониби дигар, глобализатсия навъи сиёсат ё геополитикае мебошад, ки барои паҳнкунии афкору фарҳанг ва расидан ба ҳадафҳои худ аз ҷониби давлат ё гурӯҳи давлатҳо равона шудааст.

Дар илми муосир равишҳои гуногуни таҳқиқи раванди глобализатсия арзи вуҷуд дорад. Масалан, равиши фарҳангӣ глобализатсияро аз ҷанбаи тамаддунӣ шарҳ медиҳад. Ҷонибдорони ин консепсия андеша доранд, ки фаҳмиши ягонаи глобализатсия вуҷуд надорад, зеро файласуфҳо, ҳуқуқшиносон, экологҳо, иқтисодшиносон, сиёсатшиносҳо, физикҳо ва намояндагони дигар қишрҳои гуногуни ҷомеа ин мафҳумро вобаста ба манфиату мақсадҳо ва сатҳи ҷаҳонбинии хеш арзёбӣ менамоянд.

Бисёр олимон глобализатсияро имконияти дар ҷаҳон паҳн намудани принсипҳои озодии сухан, ҳуқуқи инсон ва демократия, воситаи баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ ва ғайра номидаанд. Донишманди англис Л. Склер глобализатсияро вобаста ба ҷанбаи сотсиологӣ таҳлил намудааст. Ба андешаи ӯ: «Бисёре аз проблемаҳои муосир дар доираи давлатҳои миллӣ ҳалли худро намеёбад. Ҳалли ин мушкилот дар доираи муносибатҳои байналхалқӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, глобализатсия ифодагари муносибатҳои байналмилалӣ мебошад».

Донишманди олмонӣ М. Шиман ба он назар аст, ки дар глобализатсияи иқтисодӣ ҳамаи давлатҳо мавқеи якхела надоранд. Дар ин раванд лидерҳо ва тобеин вуҷуд доранд, бозори ҷаҳонӣ ва нархро ташкилоти ҷаҳонӣ, аз ҷумла Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо идора ва назорат менамоянд. Ба ибораи дигар, номбурда глобализатсияи иқтисодиро гардиши ҷаҳонии мол, сармоя, хизмат, технология, иттилоот, муҳоҷирати корию меҳнатӣ, ҳукмфармо (монополист) будан дар бозори ҷаҳонӣ ва пайдоиши мушкилоти глобалӣ арзёбӣ кардааст.

Шоҳиди ҳол ҳастем, ки ба тараққиёти босуръати глобализатсия омилҳои гуногун таъсир расонид. Бесобиқа паҳн шудани технологияи иттилоотӣ ва бениҳоят маъмул гардидани муҳити телекоммуникатсионӣ идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб меравад. Технологияҳои ҷадиди иттилоотӣ имкон фароҳам овардаанд, ки одамони дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон маскун бо ҳам зич алоқаманд шаванд. Истифодаи интернет ва телефонҳои мобилӣ барои тавсеаи ин раванд саҳми бориз доранд.

Хулоса, глобализатсия марҳилаи нави инкишофи ҷамъият аст, ки аз инқилоби илмию техникӣ ва коммуникатсионӣ маншаъ гирифтааст. Ҳар як фард имкон дорад, ки аз дигаргуниҳо ва навгониҳои тозатарини олам хабардор шавад ва ё иттилооти зарурриро дар чанд сония ба нуқтаи дилхоҳи сайёра ирсол намояд.

Ба андешаи мутахассисони соҳа, аз доман паҳн намудани глобализатсия оқибатҳои хатарнок ва ногувореро низ интизор мебояд шуд, ки аз ин раванд бештар давлатҳои саноатии мутараққӣ бурд менамоянд. Давлатҳое, ки иқтисоди ноустувор доранд, зери таъсири глобализатсия боз ҳам қашшоқтар мегарданд, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва сатҳи бекорӣ афзуда, тамоюлҳои бегона ва аксар маврид носозгор ба маданият ва ҳувияти миллӣ зарбаи марговар мезанад.

Дар чунин ҳолат саҳми асосиро баҳри ҳалли масъалаҳои глобалӣ давлатҳои пурқудрат бар дӯш гирифта, дар аксар маврид созмонҳои байналмилалиро суиистифода мекунанд.

Пандемия, мубориза бо коронавирус, истеҳсол ва фурӯши ваксина нишон дод, ки дар ҷаҳони муосир давлатҳо баҳри ҳалли масъалаҳои глобалӣ муттаҳид набуда, мавқеи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ низ мувофиқи мақсад нест. Садҳо далел мавҷуд аст, ки ба роҳ мондани низоми ягонаи иқтисодӣ ва миёни мамлакатҳои ҷаҳон баробар тақсим намудани сарватҳои табиӣ яке аз ҳадафҳои асосии раванди ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад.

Таҷриба собит кардааст, ки баҳри таъмини сулҳу ваҳдати байни миллатҳо ахлоқи глобалӣ муҳимияти хоса дорад. Бидуни ахлоқи умумибашарӣ дар ин самт наметавон комёб шуд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ афзалият додан ба гуфтугӯи тамаддунҳо, бо дарназардошти инкишофи ахлоқи глобалӣ, зарур ва ногузир аст.

Дар шароити феълии бархӯрди тамаддунҳо ва доман паҳн кардани ифротгароии динию мазҳабӣ эмин мондан танҳо ба василаи тақвияти ҳувияти миллӣ, табодули фарҳангӣ ва таҳким бахшидани ваҳдату ҳамбастагӣ имконпазир аст.

Ба андешаи бархе аз донишмандони тоҷик, ҷаҳонишавӣ бештар ба миллатҳо ва давлатҳои миллии аз лиҳози худшиносиву ҳувияти миллӣ нисбатан заиф хатар дошта, ба миллатҳои дорои фарҳангу тамаддуни устувор чандон таъсир надорад.

Тавре дар оғози матлаб зикр шуд, коҳиш ёфтани ахлоқ, маънавиёт, одоб, суннат, фарҳанг ва унсурҳои дигари иҷтимоӣ ҷанбаҳои манфии ҷаҳонишавӣ маҳсуб мешаванд. Намунаи равшани онро дар кишварҳои Аврупо дидан мумкин аст. Дар шароити кунунӣ бештар корҳое, ки қаблан аъмоли нораво эътироф мешуд, ба як амали матлуб табдил ёфтааст.

Ба «шарофат»- и ҷаҳонишавӣ ба ахлоқ ва тарбияи наврасону ҷавонон таъсири манфӣ расида, мутаассифона, ин раванд тавсеа ёфта истодааст. Боиси нигаронист, ки баъди ба камол расидан баъзе фарзандон робитаро аз волидайни хеш меканананд. Илова бар ин, ба хонаи бепарасторон бурда мондани онҳо аз тарафи фарзандон дида мешавад, ки чунин ҳолат ба суннати мардуми тоҷик муносиб нест.

Бо дарназардошти ҳолати баамаломада, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъулияти фарзандон дар назди падару модар тағйиру илова ворид шуд. Тибқи муқаррароти моддаи 34-уми санади мавриди назар: «Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд». Набояд фаромӯш созем, ки инсон ҳамеша ниёз ба тарбия дорад, махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ ин масъала муҳимияти бештар касб карда, садде маҳсуб мешавад, ки намегузорад, то фарҳанги миллӣ рахна гардад.

Табиист, ки Тоҷикистон низ аз раванди ҷаҳонишавӣ дар канор буда наметавонад ва моро мебояд вобаста ба тамоюли ин падида иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоии хешро пеш барем. Роҳҳои бартараф намудани хатарҳои глобализатсия ва ба манфиати худ истифода бурдани ин равандро ҷустуҷӯ ва истифода намудан зарур ва ногузир аст.

Бояд фаромӯш накунем, ки вақте моҳияти глобализатсия нодуруст дарк мешавад ва талаботи он риоя намегардад, пайомади ногувор ба бор хоҳад дошт. Мушкилоти экологию демографӣ ва иқтисодӣ, буҳронҳои молиявӣ, хатари азбайнравии фарҳанги миллӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

Ҳаводиси солҳои охир собит намуданд, ки истодагарӣ дар муқобили ҷаҳонишавӣ кори саҳлу сода нест, вале дар сурати меҳвар қарор додани зиракии сиёсӣ ва арҷгузории бештар ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ метавон дар ин самт комёб гардид.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**



# ДАР МОИ «ПАНҶ» СКУТЕРҲОИ БАРҚӢ ИСТЕҲСОЛ МЕШАВАД

**Дар Минтақаи озоди иқтисодии (МОИ) «Панҷ», воқеъ дар ноҳияи Ҷайҳун, бо мақсади ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат, истифодаи васеи манбаъҳои гуногуни тавлиди энергияи барқароршаванда дар соҳаҳои иқтисодиёт ва татбиқи «иқтисоди сабз» корхонаи истеҳсоли мотоскутерҳои барқӣ ба роҳ монда шудааст.**

Тавре зимни суҳбат роҳбари маъмурияти МОИ «Панҷ» Мумин Илҳом иттилоъ дод, ин корхона бо ибтикори ҶДММ «Технологияҳои офтобӣ» бунёд шуда, арзиши лоиҳавии он 800 ҳазор доллари ИМА мебошад. Айни замон марҳилаи аввали бунёди корхона ба охир расида, дар марҳилаи дуюм идома дорад. Он дар масоҳати ду гектар замин бунёд мегардад.

Корхона қисмҳои эҳтиётиро аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ворид карда, дар ин ҷо бандубаст мекунад. Дар ҳафт моҳи сипаригаштаи соли ҷорӣ корхона зиёда аз 50 адад скутерро пешкаши мизоҷон гардонида, масъулин нақша доранд, ки дар оянда истеҳсоли ин навъи дучархаҳои барқиро ба 500 адад дар як моҳ расонанд. Дар назар аст, ки оянда дар корхона истеҳсоли панелҳои офтобӣ, автомобилҳои барқӣ ва аккумуляторҳо ба роҳ монда шавад.

Айни замон 10 сокини маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин буда, марҳила ба марҳила шумораи кормандон зиёд карда мешавад.

Ҳамсуҳбатамон иттилоъ дод, ки дар МОИ «Панҷ» соли ҷорӣ бо иқдоми ҶДММ «ТТ- Пластик» корхонаи коркард ва истеҳсоли қуттиҳои пластикӣ бунёд шуд, ки иқтидори солонаи он 300 ҳазор дона қуттиҳои пластикӣ мебошад.

Арзиши лоиҳавии он 500 ҳазор доллари америкоиро дар бар гирифта, 20 сокини маҳаллӣ ба ҷои кори доимӣ таъмин шуданд.

Феълан дар Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» 12 корготҳу корхонаи саноатӣ, аз қабили ҶДММ «Сантехник Сервис» самти фаъолияташ хизматрасонии сохтмонӣ, ҶДММ «Милал - Интер Ҷойнт» - хизматрасонӣ, истеҳсолот, савдо ва тиҷорат, СИ «Авазов» - сардхона бо нигоҳдории 300 тонна маҳсулот, КФ ҶСП «Фон - Дарё» - коркарди нефт ва истеҳсоли биоэтанол, ҶДММ «Буроқ - 2 ЛТД» - тиҷорати семент ва ангиштсанг, ҶДММ «Ёсумин» - хариду фурӯши автомобилҳои хориҷӣ, ҶСП «Ансор - Групп» - истеҳсоли ғулачаҳои ҷуворимакка, ҶСП «Нури Сомонӣ»-истеҳсоли аккумулятор ва панелҳои офтобӣ, ҶДММ «Мушки Сино» - истеҳсоли атриёт ва маводи антисептикӣ ва ҶДММ «Тиҷорат - сохтмон» самти фаъолияташ хизматрасонии сохтмонӣ ба қайд гирифта шудаанд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

# КИШТИ КАРТОШКА РӮ БА АФЗОИШ АСТ

**Даромади умумии кишоварзони ноҳияи Лахш дар ҳафт моҳи соли 2022-юм 32 миллиону, 977,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 109,8 сомонӣ зиёд аст.**

Бо мақсади таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати истифодаи самараноки замин чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Тибқи дурнамо, соли 2022 дар 3150 гектар кишти картошка пешбинӣ гардид.

Бинобар тадбири сари вақт андешидашуда, дар ҳама шакли хоҷагидорӣ дар майдони 5402 гектар картошка ва дар 95 гектар сабзавот кишт гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ноҳия замини кишоварзӣ 136 ҳазору 631 гектар буда, аз ин 4480 гектар заминҳои корами обӣ мебошанд.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# АГАР 1,8 МИЛЛИАРД ДОНА ТУХМ ИСТЕҲСОЛ ШАВАД...

## Мусоҳиба бо академики АИКТ, узви Ассотсиатсияи илмии умумиҷаҳонӣ оид ба парандапарварӣ Давлатҷон Комилзода

**- Андешаи шумо дар бораи зарурат ва муҳимияти соҳаи парандапарварӣ дар таъмини амнияти озуқаврии кишвар чӣ гуна аст?**

- Парандапарварӣ соҳаи зудинкишофёбанда, (маҳсули парвариши он зуд ба даст меояд), сермаҳсулу самаранокиаш баланд ва сердаромад ба ҳисоб рафта, метавонад дар таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ нақши арзанда гузорад. Барои парандапарварӣ, назар ба маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, камтар хӯрок, меҳнат ва маводи моддию техникӣ сарф мегардад. Аз ин лиҳоз, нархи аслии тухм ва гӯшти паранда нисбатан арзон мебошад. Хусусиятҳои биологии маҳсулоти паранда дар он аст, ки парҳезӣ буда, дар таркибаш миқдори зиёди маводи аз ҷиҳати биологӣ фаъол (витаминҳо, аминокислотаҳо, маводи маъданӣ ва ғайра) дорад. Бинобар ин, дар мамлакатҳои тараққикарда ба рушди соҳаи парандапарварӣ аҳамияти махсус зоҳир мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати аз буҳрони иқтисодӣ баровардани мамлакат, дар қатори дигар соҳаҳо ба парандапарварӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кард. Дар ин самт як қатор санадҳо, қонуну қарор ва барномаҳо ба тасвиб расиданд. Соли 2007 «Барномаи рушди соҳаи парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 - 2015», соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парандапарварӣ» таҳия, қабул ва ҷонибдорӣ шуда, соли 2022 он дар таҳрири нав қабул гардид. Қабули «Барномаи рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2022» (бо бахши парандапарварӣ) аз ҷумлаи ҳамин тадбирҳост.

**- Омилҳои асосии рушди парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадомҳоянд?**

- Омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣ дар дилхоҳ давлати тараққикарда пешрафти истеҳсолот мебошад. Бо мақсади рушди соҳаи парандапарварӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 парандапарвариро ҳамчун соҳаи афзалиятнок қаламдод намуда, онро аз соли 2018 ба муҳлати 6 сол аз андозу пардохтҳои асосӣ озод карданд.

Таҳлилҳо гувоҳи онанд, ки имтиёзҳои барои рушди соҳаи мазкур пешниҳодшуда дастовардҳои зиёдро ба бор овард. Ин иқдом олимону мутахассисонро рӯҳбаланд, ҳавасмандии хоҷагидорон ва соҳибкорони ватанию хориҷиро бештар намуда, ба рушди соҳа такони ҷиддӣ бахшид. Дар натиҷа, соли 2021 саршумори паранда дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ нисбат ба соли 2017 ба миқдори 5,2 миллион сар, қариб ду маротиба бештар гардида, зиёда аз 10 миллион сарро ташкил намуд. Истеҳсоли тухм аз 341 млн. дона то 1 миллиард дона (2,9 маротиба) ва гӯшти паранда аз 7,6 ҳазор тонна то 44 ҳазор тонна (5,9 маротиба) бештар гардид.

Ҳоло корхонаҳои махсусгардонидашудаи парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 210 ададро ташкил медиҳанд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2017-ум се маротиба зиёд аст. Ин ҳама натиҷаи собитқадамӣ дар иҷрои дастуру супоришҳои Президенти кишвар мебошад.

Парандапарварони ҷумҳурӣ дар соли 2022 низ самаранок фаъолият намуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардида истодаанд. Дар ин давра воридоти ин намуди маҳсулот аз хориҷи кишвар аз байн рафт. Саршумори паранда дар соли 2022 ба 10, 5 миллион расид.

**- Ҳоло ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти паранда аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида ба аҳолӣ басанда аст?**

- Ҳадди ақали маҳсулоти ғизоӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ғизо» - и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи давлатии илмӣ - тадқиқотии «Ғизо» омода мешавад. Тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2022, меъёри истеъмоли тухм ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол 194, 4 дона ва гӯшти паранда 18 кг муайян гардидааст. Аз ин лиҳоз, таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо тухму гӯшти паранда беҳбудиро тақозо менамояд. Аз меъёри мазкур, истеҳсоли тухм дар ҷумҳурӣ бояд ба 1,8 миллиард дона ва гӯшти паранда ба 170 ҳазор тонна расонда шавад.

Бо дарназардошти ин, аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» нақшаи чорабиниҳо оид ба тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати рушди соҳаи парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ андешида шудааст. Дар он зиёд намудани иқтидори корхонаҳои парандапарварӣ пешбинӣ гардида, ташкили корхонаҳои махсусгардонидашуда дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, махсусан дар самти истеҳсоли гӯшти паранда, ба нақша гирифта шудааст.

**- Масоили ҳалталаби соҳа кадоманд?**

- Таъмин намудани талаботи корхонаҳои парандапарварӣ ва хоҷагиҳои инфиродӣ бо хӯроки омехтаи хушсифат, премиксҳо, иловаҳои серсафедаю маъдандор мебошад. Ҳоло бештари хӯроки омехта барои паранда аз хориҷи кишвар бо нархи гарон ворид мешавад. Ташкили корхонаҳои нави парандапарварӣ бояд дар дигар минтақаҳо ба роҳ монда шавад. Масалан, дар ВМКБ як корхонаи мурғпарварӣ фаъолият мекунад. Масоили дигар, татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ ва технологияи инноватсионӣ дар соҳа ва васеъ кардани ҳамкорӣ бо ҳамтоҳои хориҷӣ мебошад.

Бо мақсади таҳким бахшидан ба рушди соҳаи парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ олимони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ҳамкориро бо мутахассисони КВД «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» таҳким бахшида, зотҳои сермаҳсули мурғ, зотҳои мурғи марҷон, бедонаю кабкро муайян намуда, ба хоҷагидорон барои парвариш пешниҳод намуданд. Инчунин, меъёрҳои самарабахши парваришу нигоҳубини онҳо таҳқиқ гардида, меъёрҳои муътадили истифодаи иловаҳои ғайрианъанавии серсафеда ва маъдандори маҳаллӣ дар хӯроки паранда муқаррар карда шуданд. Усулҳои самарабахши ташхис, пешгирӣ ва табобати касалиҳои парандаҳо таҳия гардиданд. Бо мақсади васеъ татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ ва технологияҳои инноватсионӣ аз ҷониби олимон ва мутахассисони соҳа конференсия - семинарҳо гузаронида ва ба воситаҳои ахбори омма тавсияву дастурҳо пешниҳод мегарданд.

**- Дастрасӣ ба ғизои паранда дар кадом сатҳ аст?**

- Хӯроки паранда аз 5-6 намуди ғалладонагӣ, кунҷора, лӯбиёгӣ, ғизоҳои маъданӣ - оҳаксанг, бӯр, гили бута (бентонит) таркиб ёфта, ба он витаминҳо, аминокислотаҳо, равған ва дигар ферментҳо илова мешавад. Гили бентонит ҳамчун маъдани табиӣ дар парвариши паранда барои беҳтар кардани солимию маҳсулнокӣ аҳамияти махсус дорад. Ин кашфиёти нави олимони соҳа мебошад. Ҳоло дар Тоҷикистон зиёда аз 30 манбаи ин минерали табиӣ мавҷуд аст, ки ба истифода омода сохтани онҳо дар соҳаи парандапарварӣ аҳамияти иқтисодӣ дорад. Талаботи рӯзафзуни замони муосир водор месозад, то роҳҳои интенсивии паст кардани арзиши аслии маҳсулотро пайдо кунем. Якчанд омили паст кардани арзиши аслии маҳсулоти мавриди зикр вуҷуд дорад, ки таъсиси корхонаҳои истеҳсол ва коркарди хӯроки паранда, ҷудо кардани замин барои кишти хӯроки паранда, ба роҳ мондани коркарди пару бол, нохун, пӯстлохи тухм, ки дар таркибашон карбонати калтсий дорад.

Дар таркиби тухм ҳама моводи лозима бо таносуби муносиб мавҷуд аст ва ҳазмшавии он нисбат ба дигар ғизоҳо хуб аст. Барои мисол, агар ҳазмшавии гӯшт дар бадани инсон 55 - 60 фоиз бошад, аз тухм 98 дарсад аст.

Дар сохтори Вазорати кишоварзӣ Корхонаи воҳиди давлатии саноати парандапарварии Тоҷикистон фаъолият дорад. Бештари маҳсулоти соҳа аз тариқи коркарди саноатӣ, аз ҷумла ба намуди коркарди гӯштӣ навъҳои гуногуни ҳасиб – сосиска, сарделка ва консерваҳо ба истеъмолкунандагон пешниҳод мешавад. Аз тухми мурғ бошад, орди тухм, меланж (тухми бепӯстлох) ва маҳсулоти кондитерӣ истеҳсол мекунанд. Дар маҷмӯъ, ин соҳа на танҳо ба таъмини амнияти озуқаворӣ, балки дар рушди саноат низ ҳиссагузор мебошад.

Дар 50 соли охир, бо сабаби он ки гӯшти паранда серғизо ва парҳезӣ мебошад, истеҳсоли маҳсулоти он дар ҷаҳон ду маротиба афзуда, истеъмоли гӯшти ҳайвонот кам гардид. Бинобар ин, фарҳанги истеъмоли маҳсулоти ғизоиро ба талаботи замони муосир мутобиқ намуда, истеъмоли гӯшти парандаро васеъ ба роҳ мондан лозим аст.



**- Сол то сол теъдоди корхонаҳои парандапарварӣ ба таври назаррас афзуда истодааст. Оё кадрҳо мерасанд?**

- Ҳоло кадрҳои марбут ба ин соҳа асосан дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур тайёр мешаванд, ки барои 212 корхонаи парандапарварии кишвар басанда нест. Боиси нигаронист, ки на ҳамаи корхонаҳои соҳаи парандпарварӣ мутахассисони соҳавиро ба кор ҷалб менамоянд. Аз ин рӯ, бе ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ (зооинженерҳо, байторҳо) ба натиҷаҳои хуб ноил шудан, тибқи дастовардҳои илмӣ ва технологияи инноватсионӣ, ғайриимкон аст. Дар ин бора дар «Барномаи рушди парандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 - 2015» низ таъкид шуда буд.

**- Дар Тоҷикистон кадом зоти парандаҳо парвариш мешаванд?**

- Ба шарофати истиқлолияти давлатӣ соҳаи парандапарварӣ дар сарҳати соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ҷой гирифтааст. Сабаби дар ин мавқеъ ҷойгир шудани соҳаро дар заҳмати олимон ва мутахассисони соҳа мебинам, ки дар натиҷаи тадқиқоти тӯлонӣ ба ин ноил гардида, зотҳои беҳтарини парандаҳои гуногун - мурғ, мурғи марҷон, бедона ва кабкро тавсия доданд. Маҳсулнокии парандаҳо аз зот, авлоди онҳо, вазни тухм ва шиддати тухмоварӣ вобастагӣ дорад, ки он барои зиёд намудани маҳсулот бо сарфи ками меҳнат, хӯрока ва маблағ мусоидат мекунад.

Ҳоло асосан мурғони сертухму сергӯшт парвариш мешаванд. Онҳо авлоди зотҳои гуногун буда, иқтидори ирсиашон бештар мебошад. Дар онҳо хусусияти тухмгузорӣ, вазни тухм, сифати он, сарфи хӯрока мутобиқшавӣ ба муҳит хуб аст.

**- Корхонаҳои калонтарини парандапарварӣ кадомҳоянд?**

- Зиёда аз дусаду даҳ корхонаи парандапарварӣ фаъолият мекунад, ки аксари онҳо дар вилояти Суғд ҷойгир мебошанд. Корхонаҳои калонтарини парандапарварӣ, ки саршумори парандаҳояшон аз сад ҳазор сар зиёд мебошанд, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров - ҶДММ «Амина-К», ҶДММ «Парандапарвар-2017», ҶДММ «Воҳидов А», «ҶДММ «Чӯҷаи заррин» ва «Чӯҷаи Байзо», ноҳияи Ҷаббор Расулов - ҶДММ «Ганҷи ҳилол», шаҳри Истаравшан - ҶСК «Симурғ», ноҳияи Мастчоҳ - ҶДММ «Суғдиён - Свердловск», ноҳияи Гулистон - ҶДММ «Анко - инвест» фаъолияти пурмаҳсул доранд. Дастовардҳои солҳои охири соҳа имкон доданд, то соли ҷорӣ парандапарварони ҷумҳурӣ содироти маҳсулотро ба роҳ монанд.

Олимону мутахассисон ва хоҷагидорони соҳаи парандапарварӣ аз дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди соҳа неруи тоза гирифта, бо истифода аз шароиту имкониятҳои мавҷуда, онро мувофиқ ба талаботи рӯз рушд дода, дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат саҳми арзанда мегузоранд.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

Проблема ва мулоҳиза

# ҚИМОР ДАР ИНТЕРНЕТ.
## Чаро мардум фирефтаи блогерон мешаванд?




**Ширкати «YouTube» «монитизатсия» (ҳисобкунаки пул ё пулҷамъкунак)-ро барои корбарони рус хомӯш кардааст. Яъне, ҳар корбаре, ки аз Россия наворҳои «YouTube» - ии дилхоҳ саҳифаро аз саросари дунё тамошо кунад, ба ҳисоби молики саҳифа пул намегузарад.**

Чун қисми зиёди корбарони шабакаи «YouTube»-и тоҷикӣ саҳифаҳои худро дар сегменти русӣ ба қайд гирифта буданд, дигар даромад намегиранд. Биноан, блогерони тоҷик ба чанд гурӯҳ ҷудо шуданд. Қисме корро муваққатан бас карданд, боқимонда наворҳояшонро аз ҳаёти мушкили мардуми дастнигар омода намуда, ба гузаронидани «конкурс» ва «гив» машғул шуданд.

Мо дар матлаби зер доир ба чӣ гуна бозӣ будани «конкурс» ва «гив» ва блогерони пешқадам дар ин самт хоҳем гуфт.

**ШАРҲИ «КОНКУРС» ВА «ГИВ»**

«Гив» калимаи англисӣ буда, маънояш «тақсим кардан» аст. «Гив»-ро блогерони машҳур, ки обуначии зиёд доранд, ташкил мекунанд. Дар ин бозӣ се намуди одамон иштирок мекунанд. Блогер – ташкилкунанда, сарпараст – нафаре, ки мехоҳад обуначии зиёд дошта бошад ва обуначӣ – нафаре, ки мехоҳад бо обуна шудан ба саҳифаҳои блогерон соҳиби пул ё туҳфа гардад. Яъне «гив» - ро блогерон барои фоида ба даст овардан ва сарпарастон барои фаъол кардани саҳифаҳояшон мекунанд.

Барои мисол, блогери машҳур аз 100 нафар 150 сомонӣ мегирад ва ба онҳо унвони «сарпараст» - ро медиҳад. Сипас, ба обуначиҳояш эълон мекунад, ки ба он сад «сарпараст» - аш обуна шаванд ва дар миёнашон 5 000 сомониро тақсим мекунад. Ҳамин тавр, обуначиҳои блогерон барои пул ё туҳфа ба нафарони махсус обуна мешаванд. Дар натиҷа, блогер пул кор мекунаду «сарпараст» соҳиби обуначиҳои зиёд мегардад.

«Конкурс» бошад, аз «гив» калонтар аст. Дар он ба ҷои пулу туҳфа мошин ё хона гузошта мешавад ва обуначиҳои блогерон ба касе обуна намешаванд, балки чиптаи бурднок мехаранд. Мисли бозиҳои «лото».

Ҳоло дар фазои маҷозӣ блогерон ва одамони алоҳида зиёд чунин «конкурс» мекунанд. Саҳифаҳое, ки «конкурс» мекунанд, аксар вақт дар дили ҳазорон нафар шубҳа мегузоранд, зеро нарх ва шумораи чиптаҳояшонро агар ҳисоб кунем, ба арзиши мошин ё хонаи мондаашон баробар шуда наметавонад. Ҳатто корбарони фазои маҷозӣ мисолҳо меоранд, ки ташкилкунандагон мошинҳои дар «конкурс»-ҳо мондаашонро ба касе намедиҳанд, балки шиносҳояшонро даъват карда, дар назди мошинҳо навор мегиранд, ки гӯё онҳо бурд кардаанд.

**«97 ФОИЗИ «КОНКУРС» - ҲО ДУРӮҒАНД»**

Мавзӯи «конкурс» ва «гив» 5-6 моҳи охир дар сархати хабарҳои «YouTube»-у «Instagram» аст. Яке барои «гив» -аш «сарпараст» мекобаду дигаре обуначиҳояшро мегӯяд, ки ба нафарони махсус обуна шаванд. Яке тарғиби «конкурс» - ашро мекунаду дигаре фиребгар набуданашро аз тариқи суҳбатҳои махсус бо ҳамкоронаш «исбот» мекунад. Яке мардумро ба бозӣ кардан дар «конкурс» ва «гив» талқин мекунаду дигаре аз дурӯғ будани онҳо огоҳ менамояд.

Муаллифи саҳифаи «Boroda.tj», яке аз блогерони машҳури кишвар Музаффар Давлатзода, ки дар «YouTube» ба гузаронидани «конкурс» машғул аст, гуфт, ки мардуми одӣ набояд ба ҳама ташкилкунандагони «конкурс»-ҳо бовар кунанд.

- Ҳоло фазои «YouTube»-и моро «конкурс»-ҳо пахш кардаанд, вале набояд фаромӯш кард, ки 97 фоизи онҳо дурӯғанд. Ман шоҳиди зиндаам, ки дар яке аз чунин бозиҳо рафиқи наздики маро гуфтанд, ки ба ту 2000 сомонӣ медиҳем ва гӯё ту мошини бозии моро бурд кардӣ. Ман боз нафареро медонам, ки 20 000 сомонӣ додаанд, ки гӯё хона бурд кардааст,- афзуд ӯ.

Овозхон ва блогери шинохта Наимҷони Сайдалӣ ҳам, ки ба наздикӣ оид ба қатъ кардани гузаронидани «конкурс»-ҳояшро хабар дод, чунин гуфт:

- Ҳоло дар «YouTube»-и тоҷикӣ «конкурс»-ҳо хеле зиёд шудаанд ва дар ин миён агар онҳоро ҳақиқӣ гузаронем ҳам, мегӯянд, ки «мошенник» (қаллоб) аст. Бо ин сабаб дигар «конкурс» доир намекунам.

**МОРО МЕБОЯД...**

Ташкилкунандагон медонанд, ки корашон нодуруст аст, вале барои фоида ин корро анҷом медиҳанд. Аксари мардум медонанд, ки бозиҳо дурӯғанд, вале боз обуна мешаванду бо маблағи зиёд чипта мехаранд.

Тааҷҷубовар аст, ки мақомоти андозу ҳифзи ҳуқуқ ба ин масъала то ҳол таваҷҷуҳ зоҳир накардаанд. Ин бетафовутӣ оқибати хуб надорад. Ҳамватанон фиреб мехӯранд, мардумфиребӣ зиёд мегарданд.

Дар навбати худ, масъулини Кумитаи андозро мебояд ҳамчуноне, ки блогеронро ба қайд гирифтанд, рӯйхати ташкилкунандагони «конкурс» ва «гив»-ҳоро тартиб дода, фоидаи онҳоро муайян карда, андозбандӣ намоянд.

Ҳамчунин, мақомоти ҳифзу тартиботро мебояд ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кунанд ва ҳолатҳои фиребу найранг ва мардумфиребиро ошкор карда, гунаҳкоронро ҷазо диҳанд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

Заҳмати ҳампешаро ҳампеша медонад

**Соли 1990 рӯзномаи нав бо номи «Паёми Душанбе» таъсис ёфт, ки услуби хоси нигориш, гуногунрангию ҷолибияти матолиб аз дигар нашрияҳо фарқ мекард. Бори нахуст маҳз дар ҳамин рӯзнома акси кормандони нашрия бо тарҷумаи ҳол ба табъ расид.**

# ЧЕҲРАНИГОР

Аз ҳамон сол ман бо навиштаҳои рӯзноманигори хушсалиқа Тиллои Неккадам ошно шудам. Гумон надоштам, ки рӯзе бо ӯ ҳамкор мешавам, зеро он солҳо ҳарчанд баъзан мақола нависам ҳам, дар Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии «Тоҷикгипрозем» ба ҳайси мутахассиси пешбар кор мекардам. Вале умр чу дарёи тезҷараён аст. Бо ҳукми тақдир аз соли 1996 ба кори рӯзноманигорӣ гузашта, инак соли ҳафтум аст, ки бо Тилло дар як идора кор мекунам. Таи ин солҳо ӯро чун шахси меҳнатдӯст, мушкилнописанд, зиндадилу инсондӯст, самимию хоксор ва дӯсти беғараз шинохтам.

Собиқ муҳаррири шуъбаи маънавиёти рӯзномаи «Паёми Душанбе», нависандаи мумтоз Имомиддин Раҳимӣ солҳои бо Тиллои Неккадам якҷоя кор карданро ба хотир оварда, чунин гуфт: - Аз рӯзҳои аввали ба идораи рӯзнома ба кор омадан рӯзноманигори дорои мавқеи муайян, муҳаққиқи пуркор, нисбат ба худ серталаб ва навовар буданро нишон дод. Ӯ ҳам дар гуфтору ҳам дар навиштан мақоли «ҳафт бор чен куну як бор бур» - ро риоя мекунад.

Он давраҳо интернет набуд ва маълумоти нав дар бораи филмҳо ва ҳунарпешагон маҳз дар рӯзномаю маҷаллаҳо ба табъ мерасид. Бинобар ин, мухлисони синамо мақолаҳои нави ӯро интизорӣ мекашиданд. Ин гуфтаро рӯзноманигори собиқадор Умари Шерхон тасдиқ намуда, афзуд:

- Таи 30 соли охир Тиллои Неккадам дар ҷодаи журналистикаи ватанӣ ягона нафарест, ки аз боби бурдубохт, таърих ва навгонии кинои тоҷику ҷаҳон мақола менависад ва таваccути шабакаи телевизиони «Синамо» ақидаи хешро дар барномаи «Ганҷи тасвир» баён медорад. Яке аз паҳлуҳои эҷоди ӯро матолиб аз хусуси асосгузори кинои тоҷик Артисти халқии СССР, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Комил Ёрматов ташкил медиҳад. Тӯли солиёни зиёд ба китобу рӯзнома ва маҷаллаҳои солҳои сиюм ва чилуми асри XX рӯ оварда, бисёр паҳлуҳои ҳаёти ин нобиғаи ҳунарро муайян намуд. Натиҷаи ҷустуҷӯҳояшро дар рӯзномаи «Садои мардум» зери унвонҳои «Ҳашт пешниҳод» (ба истиқболи 80 - солагии К. Ёрматов) 18 июни соли 1992, №134 (364), «Ёдгорӣ аз «Муҳоҷир» 12 сентябри соли 1992, №175 (425), «То вопасин нафас тоҷик буд, аммо дигар аз мо набуд», 26 феврали соли 1999, №10 - 11 (1100 - 1101), «Ёдгори азизу бебаҳо» («Адабиёт ва санъат», 11 январи соли 1990), «Мехӯранд афсӯси ӯ» («Ҷавонони Тоҷикистон», 24 сентябри соли 1989) ва ғайра ба табъ расонид.

Чор мақолаи ба мавзӯи синамо бахшидааш дар китоби «Дурахши кинои тоҷик» (Душанбе, «Ирфон», соли 2011) чоп шудааст. Навиштаҳояш дар бораи таърихи синамои тоҷик, коргардону наворбардорон ва ҳунарпешагони мумтоз, аз қабили Комил Ёрматов, Василий Кузин, Иброҳим Барамиков, Қутбиддин Олимов, Борис Кимёгаров, Тоҳир Собиров, Гурминҷ Завқибеков, Марат Орифов, Дилбар Қосимова, Нозукмоҳ Шомансурова, Ҷаҳон Саидмуродов, Маҳмудҷон Воҳидов, Андрей Бобоев, Бимбулат Ватаев ва дигарон хонданибобанд.

Хонанда аз навиштаҳояш дар хусуси чеҳраҳои барҷастаи кинои ватанию хориҷӣ таърихи банаворгирии филмҳо муносибати арбобони сиёсию давлатӣ бо фарҳанг маълумоти зиёд мегирад. Барои таҳияи ҳар як мақола Тилло заҳмати зиёд кашида, бо коршиносон ва шахсони ба мавзӯъ иртиботдошта мусоҳиб мешавад. Дар натиҷа, навиштаҳояш хеле суфтаю равон ва осонфаҳм буда, ба дили хонанда зуд ҷой мегиранд. «Афсӯс гаҳе зиндабузургон нашиносем» (соли 2009), «Зеботарин актрисаи кинои Ҳиндустон» (соли 2013), «Ӯ ба кино ҳаёти аврупоиро ҷорӣ намуд» (соли 2013), «Артист»- и бебарор, вале тоҷири муваффақ» (соли 2014), «Зани бадкирдор» (соли 2014), «Актёри бераҳму дағал», вале писанди тамошобин» (соли 2015), «Братан» ва рекордҳои ҷаҳонӣ дар 26 - солагӣ» (соли 2016), «Рақс бо кабӯтарон дар ҳузури Рустами Достон» (соли 2017), «Ҳар кӣ ӯро дид, агар Фирдавсии нодида дид» (соли 2018) ва даҳҳо мақолаҳояш хеле моҳирона ба риштаи тасвир кашида шудааст. Маҷмӯи ин гуна мақолаҳо дар китоби «Бозтоби чеҳраҳои дурахшони кино» (Душанбе, «Аржанг», 2019, саҳ. 248) чоп шуд, ки армуғони арзандае ба ҷашни 90 - солагии кинои тоҷик мебошад.

Китоби мазкур бо қарори Шӯрои илмӣ - методии Пажӯҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

Он аз ҳафт боб - «Айнӣ ва кино», «Тобишҳои қаҳрамонҳои «Шоҳнома» дар кинои тоҷик», «Кинои тоҷик дар даврони Иттифоқи Советӣ», «Ҳамкориҳои киносозони тоҷик бо кишварҳои ба мо дӯст», «Ситораҳои кинои ҷаҳонӣ», «Ситораҳои кинои Ҳиндустон» ва «Саҳми устод Мирзо Турсунзода дар инкишофи кинои миллии тоҷик» иборат аст. Моҳиятан «Бозтоби чеҳраҳои дурахшони кино» он холигиеро, ки солҳои охир дар омӯзиши таърихи кинои тоҷик ва киношиносӣ ба миён омада буданд, то андозае бартараф мекунад.

- Айёме ки дар рӯзномаи «Паёми Душанбе» кор мекардам, дар бораи ҳунарпешаҳои дӯстдоштаамон ситораҳои кинои Ҳиндустон Раҷ Капур, Наргис, Виҷаянтимала, Митҳун Чакраборти ва дигарон мақола чоп мекардам. Он солҳо интернет набуд ва ман рӯзҳои дароз дар Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ маҷаллаву рӯзномаҳои марказӣ ва хориҷиро варақ зада, дар бораи ҳунарпешаҳои шинохтаи Ҳиндустон маълумот меҷустам. То ҳадди имкон дар бораи онҳо ба мухлисонашон иттилоъ медодам. Ҳеҷ гоҳ тасаввур намекардам, ки рӯзе бо ситораи кинои Ҳиндустон Митҳун Чакраборти ва писари Раҷ Капур- Рандхир Капур вохӯрда, барои хотира сурат мегирам. Аз 28 сентябр то 3 октябри соли 2021 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Кинофестивали VIII байналмилалии Тошканд – «Дурдонаҳои Роҳи бузурги абрешим» гузаронида шуд. Ба ман муяссар шуд чун киношинос дар ин кинофестивал иштирок кунам ва дар нишастҳои матбуотӣ ва семинарҳо оид ба кино Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаррифӣ намоям. Дар қатори даъватшудагон - меҳмонҳои фахрии кинофестивал Стивен Сигал, Никита Михалков, Жерар де Пардё, ҳамчунин, ҳунарпешаҳои дӯстдоштаи ман Митҳун Чакраборти ва Рандҳир Капур низ ҳузур доштанд. Беҳуда нагуфтаанд ки «орзу дар ҷавонӣ айб нест». Ба қавле, ба орзуи ҷавониям дар 60 - солагӣ расидам ва бо Митҳун Чакраборти ва Рандҳир Капур ҳамсуҳбат шуда, сурати хотиравӣ гирифтем. Дар хотимаи кинофестивал ба меҳмонон ва иштирокчиён Ҷоизаи хотиравии «Лаълии дурдонаҳои Роҳи бузурги абрешим» тақдим гардид. Аз ҷумла, банда низ ба гирифтани ин ҷоиза мушарраф гардидам,- изҳор дошт баъд аз сафари Тошканд Тиллои Неккадам.

Ҳамкорамон Мирзо Рустамзода маҳз ҳамин меҳнатдӯстию таҳқиқу ҷустуҷӯҳои Тиллои Неккадамро бо назм чунин баён кардааст:

**Нони худро бо қалам умре**
**ту пайдо кардаӣ,**
**Саҳфаи рӯзномаҳоро пур**
**зи тилло кардаӣ.**
**Номи Тилло, баски дорӣ,**
**кони тилло мондаву**
**Солҳое кофтуков**
**«архив» - и кино кардаӣ.**



Дар айёми мактабхонӣ ду хабари Тиллои Неккадам бо номҳои «Ҷои дӯстдошта» ва «Лексия» дар рӯзномаи ноҳиявии «Овози дӯстӣ» (ноҳияи Рӯшон) 12 феврали соли 1975 ба табъ расида буд. Баъд аз ду моҳ дар ин рӯзнома хабари навбатиаш бо номи «Тайёрӣ» бахшида ба 70 - солагии нависанда Михаил Шолохов ба табъ расид. Рӯзи дигар муҳаррири рӯзнома Шодихон Мубораакшоев ба мактаб омада, бо Тилло ҳамсуҳбат шуд ва маслиҳат дод, ки минбаъд мақолаю лавҳанависиро низ машқ кунад. Аз суҳбат бо муҳаррир илҳом гирифта дар бораи фаъолияти бародарон Озодӣ ва Соҳибназар Мамадамоновҳо, ки узви бригадаи хошоктайёркунии колхози ба номи Ленини ноҳияи Рӯшон буданд, лавҳа навишт, ки 31 июли соли 1975 зери унвони «Бародарон» чоп шуд.

Баъдан, як силсила мақолаҳояш дар рӯзномаи вилоятии «Бадахшони советӣ» ба табъ расиданд.

- Дастгирию дилбардории кормандони рӯзномаи бароям хеле азиз - «Овози дӯстӣ» (ҳоло «Пайғоми Рӯшон») - ро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳам кард. Маҳз чунин рӯҳбаландкунӣ буд, ки ба гурӯҳи журналистикаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро хатм намудам ва сию ду сол боз рӯзноманигорам.

Ғайр аз ду китоби зикршуда, номбурда муаллифи китобҳои «Журналистони Бадахшон» (соли 2005), «Устоди ҳунари актёрӣ» (соли 2012), «Маҳрами сухан» (соли 2015), «Ҳаёти ибратбахш» (соли 2016) ва «Лолаҳои Бадахшон» (2022) низ мебошад.

Соли 2012 мавсуф бо Ҷоизаи ҷумҳуриявии «Хома- 2012» мушарраф гардид. Ҳамон сол ӯ барои инъикоси ҳаёту корнамоиҳои ҷангии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҷанговарони башардӯст ва бартарафкунандагони садамаи Нерӯгоҳи барқӣ - атомии «Чернобил» дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» бо ордени «За заслуги»-и Иттифоқи собиқадорони Афғонистони Федератсияи Россия қадрдонӣ шуд.

Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2001), Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2008), «Аълочии кинематографияи тоҷик» (соли 2020) ва сазовори ду «Ифтихорнома» - и Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз соли 2020 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

Тозанашр

**Кам иттифоқ меафтад, ки шахс дар риштаҳои гуногун муваффақ гардад. Башир Усмон аз зумраи ҳамон муҳаққик, рӯзноманигор ва нависанда мебошад, ки имрӯз дар ҷодаи наср табъозмоӣ дорад.**

# «АЗ САДОҚАТ, АЗ МУҲАББАТ...»




Маҷмӯи ҳикояҳояш бо номи «Аз садоқат, аз муҳаббат…», ки ба муносибати 25 - солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ бо теъдоди ҳазор нусха аз тариқи КВД КТН «Шарқи озод» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расид аз меҳру муҳаббат ва садоқат ба инсон ҳикоя мекунад. Нависанда дар ҳикояҳои пандгунаи хеш хостааст самимияту садоқатро дар замири дили хонанда бедор кунад. Маҷмӯа аз 64 қиссаву ҳикоя мураттаб шуда, мазмуну мундариҷа маҳсули мушоҳида ва андешаҳои чандинсолаи ӯст. Вижагии барҷастаи ҳикояҳо содаю равон ва кӯтоҳ навиштани онҳост.

Содаю равон навиштан агар ҳунари нависандагии муаллиф бошад, услуби эҷодӣ, интихоби мавзӯъ, дарки воқеа, бардошт аз лаҳзаҳои таъсирбахши зиндагӣ маҳсули заҳмати зеҳнӣ аст. Воқеаҳо, ки дар ин жанри хурди адабӣ таҷассум ёфтааст, на гузаштаи дур, балки аз рӯзгори имрӯза маншаъ гирифтааст.

Баъзе ҳикояҳо симои муаллифро дар худ таҷассум мекунанд: Бо муаллиф хеле қаринам. Он чӣ дар рӯҳу равони ӯ таҷалло медиҳад, ба маҷмӯа роҳ ёфта, садоқату муҳаббати инсонҳоро бозгӯӣ намудааст. Он чӣ ӯ ҳунар дар ботин дошт, ба хонанда ба воситаи ҳамин маҷмӯа ироа намудааст ва сабки нигориши ӯ завқи бадеии хонандаро таҳрик медиҳад.

Муаллиф салоҳ дидааст, то сиришти инсониро бо лаҳни ҳалим дар замири дили хонандаи хушбину хушзавқ ҷо кунад. Маҷмӯа гувоҳи он аст, ки адабиёт нависандаи равшанбинеро кашф кардааст, ки метавонад барои аҳли ҷомеа асарҳои арзишмандтар эҷод намояд.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

Ҳушдор

**Дар шароити рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ технология низ ба таври бесобиқа рушд намуда истодааст. Рушди бемайлони технологӣ боиси тағйироти куллӣ дар низоми иттилоотӣ гардида, дастрасии оммаро ба он бештар мекунад.**

# НАҚШИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАЪМИНИ СУБОТИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Имрӯз интернет яке аз воситаҳои расонидани ахбор ба ҳисоб меравад ва дастрасии мардумро ба иттилоот сода ва шахсро ҳамчун сарчашмаи иттилоот ва паҳнкунандаи хабар фаъол менамояд. Ҳоло ҷаҳони интернет ҷои воқеиро ба миён меорад. Аз ҳамин хотир, интиқоли ҷангҳои иттилоотӣ ба фазои маҷозӣ сатҳи нави рақобати идеологӣ ба ҳисоб рафта, ҷаҳони интернетро ба сарчашмаи дигари таҳдидҳо табдил медиҳад.

Ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, ба монанди «ДИИШ», «Ал - Қоида», «Толибон», «Ансоруллоҳ», «Гурӯҳи 24», ТТЭ ҲНИ, «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ» ва дигар гурӯҳҳо ҷангҳои шабакавиро ташаккул дода, хостори тағйир барои ба сафи худ ҷалб намудани ҷавонон ва ба вуҷуд овардани гурӯҳҳои нуҳуфта дар ин ё он давлат васеъ истифода мекунанд. Дар ин самт аз барномаҳои махсуси компютерӣ, назарфиребӣ ва дигар роҳу воситаҳо васеъ истифода бурда мешавад. Ташкили чунин ҳолатҳо дар фазои маҷозӣ боис мегардад, ки рӯҳияи эътирозгароии мардум боло рафта, бо мурури вақт аз фазои маҷозӣ ба фазои сиёсии ҷомеа кӯчонида шавад. Мисоли равшани инро метавон дар бештари кишварҳое, ки дар онҳо ВАО-и анъанавиро танг намуда, кам касоне пайдо мешаванд, ки барои гирифтани иттилоот мунтазири чопи рӯзномаҳо бошанд ё назди радио ва телевизион интизор шинанд.

Бинобар ин, интернет айни ҳол майдони муҳориба барои расидан ба мақсаду ҳадаф табдил шудааст. Агарчи дар натиҷаи рушди бемайлони технологӣ, оммавӣ гардидани интернет, ба вуҷуд омадани системаҳои гуногуни иттилоотӣ аз як тараф, манфиатовар бошад, аз паҳлуи дигар ҷанбаҳои манфӣ дорад. Оммавӣ гардидани интернет боис гардидааст то ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва порталҳои видеоӣ ба таври фаровон истифода намоянд. Тарғибу ташвиқи андешаҳои ифротӣ дар фазои иттилоотӣ боиси коста гардидани тафаккури ҷомеа мегардад. Аз ин рӯ, бо назардошти чунин тобиши масъала, амнияти иттилоотӣ бахши муҳимми амнияти миллӣ дониста мешавад.

Имрӯз ҳар як кишвар талош дорад, ки амнияти иттилоотиро таъмин намуда, тафаккури ҷомеаро аз ҳуҷумҳои ногаҳонӣ ва пай дар пайи душманона, муғризона ва бадхоҳонаи гурӯҳҳои ифротӣ ҳифз намояд. Зеро ғояҳои тундгароӣ, ифротгароӣ ва идеологияҳои бегона аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор ба таври густурда паҳн шуда истодаанд. Ҳуҷумҳои иттилоотиву равонӣ рӯз то рӯз дар афзоиш буда, ба суботи сиёсии ҷомеа хатари ҷиддӣ дорад. Тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба суботи сиёсии ҷомеа таҳдиди додани ҷаҳонбинии ҷомеа мебошанд. Намояндагони гурӯҳҳои мазкур ба таври сунъӣ инсонҳоро ба баҳсҳо ҷалб намуда, сатҳу сифати зиндагии мардумро баррасӣ мекунанд ва талош менамоянд, ки ҷаҳонбинии манфиро дар зеҳнҳо ба вуҷуд оваранд. Онҳо иттилооти носаҳеҳ ва ғаразнокро паҳн намуда, кӯшиш мекунанд таъсиррасониро ба инқилобҳои ранга сурат гирифтаанд мушоҳида кард. Вобаста ба ин, бо назардошти тағйири вазъият ва хусусияти нави таҳдидҳои замони муосир зарур аст, ки намояндагони воситаҳои ахбори омма, марказҳои зеҳнӣ ва сохторҳои марбута барои сари вақт расонидани иттилооти саҳеҳ аз манбаъҳои муътамад ба мардум иқдом намоянд. Зеро



афкори ҷомеа афзоиш диҳанд. Бо истифода аз ин усул мардумро мешӯронанд ва ҷаҳд мекунанд то бесуботӣ ва ноорומиро вориди ҷамъият кунанд.

Бинобар ин паҳн намудани иттилооте, ки миёни истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ нофаҳмӣ ба вуҷуд меорад, ба роҳ мондани муҳокимаи раванди сиёсии ҷомеа андешаҳои одамонро ба намоиш мегузоранд ва сатҳи эҳсосии мардумро боло мебаранд, ки боиси ба вуҷуд омадани энерҷии манфӣ мегардад. Гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ аз технологияи мағзшӯӣ ҳар лаҳза миллион иттилоот дар фазои маҷозӣ мубодила гардида, шахсиятҳои алоҳида онро ба таври худ шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Дар ин хусус, таъмини иттилооти дуруст ва дақиқ боиси безарар гардидани фазои иттилоотӣ, маънавӣ ва сиёсии ҷомеа мешавад.

**Ҷаҳонгир МАҲМАДЗОИР,**
**мутахассиси пешбари раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

**аз 13 июли соли 2022, №511, ш. Душанбе**

**Дар бораи Номгӯйи бемориҳое, ки шахсони ба онҳо мубтало ба сирри давлатӣ рухсат дода намешаванд 190.010.000**

Мутобиқи моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ»,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Номгӯйи бемориҳое, ки шахсони ба онҳо мубтало ба сирри давлатӣ рухсат дода намешаванд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад ва пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир гузошта шавад.

**Вазир Ҷамолиддин АБДУЛЛОЗОДА**

**Шакли пурраи «Номгӯйи бемориҳое, ки шахсони ба онҳо мубтало ба сирри давлатӣ рухсат дода намешаванд 190.010.000» дар сомонаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон www.moh.tj ҷой дода шудааст.**

***Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами Р/Б 1183 аз 5 августи соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.***

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411202 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Камераҳои видеоӣ - назоратӣ, видеорегистратор, монитор, ноқили алоқавӣ, HDMI KVM-ноқил, дискҳои дурушт ва UPS | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 15.09.2022 15:30:00 |
| 2 | 411204 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и шаҳраки Консойи шаҳри Гулистон | Таъмири дохили бинои синфхонаҳои таълими меҳнат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.09.2022 17:05:30 |
| 3 | 411205 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сохтмони айвончаҳои кӯдакистони №162-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2022 09:00:30 |
| 4 | 411214 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №6»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2022 12:15:00 |
| 5 | 411212 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Молҳои рӯзгор, либосҳои махсус ва пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 16.09.2022 13:00:00 |
| 6 | 411216 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Камераҳои назоратӣ ва лавозимот дар маҷмӯъ (комплект), кабел ва молҳои барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 16.09.2022 13:45:00 |
| 7 | 411209 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 16.09.2022 14:00:00 |
| 8 | 411215 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Варзиш» | Телевизор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.09.2022 14:00:00 |
| 9 | 411210 | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | Тахтаи синфӣ, таҷҳизоти аудиоӣ, кабел, техникаи маишӣ, диски дурушт, микрофон, панелҳои LED, камераҳои видеоӣ – назоратӣ, проектор ва системаи динамикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 53 | 16.09.2022 14:30:00 |
| 10 | 411206 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Ишкошим | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.09.2022 15:00:00 |
| 11 | 411208 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 9-и деҳаи Кеврони ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.09.2022 15:00:00 |
| 12 | 411211 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон» | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 16.09.2022 15:00:00 |
| 13 | 411213 | Бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт | Мебел ва курсӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 16.09.2022 17:00:45 |
| 14 | 411218 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» | Молҳои канселярӣ, мебел, молҳои рӯзгор, асбобу анҷоми рӯзгор, гулҳои сунъӣ ва системаи садо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 19.09.2022 14:31:39 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ЭЪЛОН!

Корманди Сафорати Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кокл Майкл, автомашинаи сабукрави шахсӣ – тамғаи «Митсубиси - Паҷеро», рақами кузов – JMBLYV78W6J002184, соли барориш – 2006-ро бо арзиши ибтидоии 10000 сомонӣ ба музояда мебарорад.

Телефон барои маълумот: 888-22-94-94.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0254992 бо РЯМ 0130138269-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 18 октябри соли 2016 ба Раҷабов Аҳлиддин Сироҷидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи Т-АТА № 0652953-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Қубодиён соли 2018 ба Турдиев Акмалҷон Алимуродович додааст, эътибор надорад.

✓ ҶДММ «Замини трейд ХТФ», ки дорои Шаҳодатнома ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ бо РЯМ 0130022695-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба Ҳакимов Темуршо Сайфович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини бемуҳлат барои бунёди минтақаи истироҳатӣ таҳти қайди 386 бо дараҷаи А № 010812-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 сентябри соли 2003 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, шоҳроҳи Душанбе - Суғд ба Орифов Алимҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши минтақаи истироҳатӣ таҳти қайди 3Д-85-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Варзоб 4 августи соли 2003 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, километри 32-юми шоҳроҳи Душанбе-Суғд ба Орифов Алимджон Гафурович додааст, эътибор надорад.

✓ Васиятнома таҳти қайди Т/Ф 58-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Панҷакент 20 январи соли 1988 ба Ҷураев Махкам додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №24373-и гумшуда, ки онро КФБ-БТ-и шаҳри Душанбе 31 июли соли 1998 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 23/4, ҳуҷраи 29 ба Курбонов Алихон Джамаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии манзили истиқоматӣ таҳти рақами 15211-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 2 июли соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Сино, кӯчаи Арбобхотун, хонаи 51 ба Давлатов Ғозӣ додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи волидайн ва мураббиёни ширхоргоҳ - боғчаи №1», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо № Ва 0011003 таҳти қайди ИЧ 04 аз 31 майи соли 2007 буда, онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи падару модарон ва омӯзгорони ширхоргоҳ-кӯдакистони №79», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии Ва №0011005 таҳти қайди ИЧ 07 аз 31 майи соли 2007 буда, онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи волидайн ва мураббиёни ширхоргоҳ - боғчаи №159», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии Ва №0011036 таҳти қайди ИЧ 28 аз 12 июни соли 2007 буда, онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

**ТАДЖИКИСТАН**
**ПРОЕКТ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УПРАВЛЕНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ,**
**Кредит ИБР No.TJK-1013**
**Консультационные услуги: Отбор инженера ирригатора**

**Краткое описание проекта**

Правительство Республики Таджикистан получило кредит от Исламского банка развития для финансирования реализации Проекта совершенствования управления водными ресурсами в Хатлонской области, далее именуемый «Проект». Общая стоимость Проекта оценивается в 53,50 миллиона долларов США. Проект будет финансироваться Исламским фондом солидарности для развития ИБР (ISFD), Фондом международного развития (SFD) и Правительством Республики Таджикистан. Вклад ИБР составляет 15,00 миллионов долларов США. Агентство мелиорации и ирригации при Правительстве Республики Таджикистан является Исполнительным агентством и уполномочен за реализацию и надзор Проекта совершенствования управления водными ресурсами в Хатлонской области, который расположен при Агентстве мелиорации и ирригации при Правительстве Республики Таджикистан. Юридически обязательные сроки и условия финансирования изложены в кредитном соглашении ИсБР №TJK-1013 от 28/08/2019 года, которое может быть дополнено дополнительными письмами и/или поправками. Документ об оценке проекта (ДОП) также является полезным источником информации, однако не является юридически обязательным.

**ЦЕЛИ РАЗВИТИЯ ПРОЕКТА**

Целью развития Проекта заключается в улучшении условий жизни сельского населения за счет совершенствования управления водными ресурсами с обеспечением устойчивости к воздействиям изменения климата. Это приведет к увеличению роста сельскохозяйственного производства, продовольственной безопасности, увеличению доходов фермерских хозяйств, созданию рабочих мест и снижению уровня бедности.

**ОСНОВНЫЕ ЦЕЛИ ЗАДАНИЯ**

Целью найма инженера ирригатора в Проект «Улучшение управления водными ресурсами в Хатлонской области» заключается в улучшении управления Проектом. Инженер ирригатор будет отобран на конкурсной основе в соответствии с процедурами ИБР.

**КВАЛИФИКАЦИОННЫЕ ТРЕБОВАНИЯ И ОПЫТ РАБОТЫ**

• Диплом университета или колледжа в области гидро-инженерно-технических работ;

• опыт в проектировании и строительстве ирригационной и дренажной инфраструктуры;

• долгосрочный опыт работы по планированию и надзору за строительными работами;

• хорошее знание местных строительных норм и правил; знание местных условий, высокое чувство ответственности, отличные коммуникативные навыки и командный дух являются важными факторами;

• опыт взаимодействия с местными властями и общинами; честность и порядочность,

• хорошие навыки общения на русском и таджикском языках - устные и письменные; навыки работы с компьютером (MS Офис).

• умение работать в команде разных международных и местных консультантов.

**КРИТЕРИИ ОЦЕНКИ:**

| № | Критерии оценки | Макс. балл |
|---|---|---|
| I | **Образование** | |
| | а) высшее инженерное образование, желательно в сфере водоснабжения и гидромелиорации | 10 |
| | **Итого по разделу I:** | **10** |
| II | **Квалификация и опыт** | **70** |
| | а) Опыт проектирования и строительства ирригационной и дренажной инфраструктуры не менее 10 лет; опыт работы на стройке; | 25 |
| | b) Не менее 5 лет опыта планирования и надзора за ирригационно-дренажными работами в международных проектах (МБРР, АБР, Исламский банк, Европейское сообщество и т.д.), желательно; | 20 |
| | c) Хорошее знание местных строительных норм и правил; знание местных условий; | 15 |
| | d) Опыт взаимодействия с местными органами власти и сообществами; | 10 |
| | **Итого по разделу II:** | **70** |
| III | **Особые навыки** | **20** |
| | а) Знание ПК, (MS Office), Excel, Auto Cad | 10 |
| | b) Способность к аналитической работе и навыки отчетности и презентации; | 5 |
| | d) Свободное владение таджикским, русским языком | 5 |
| | **Итого по разделу III:** | **20** |
| | **Итого: (I)+(II)+(III)** | **100** |

Консультант будет выбран в соответствии с процедурами, изложенными в Руководстве по использованию консультантов при финансировании Исламского банка развития. (апрель 2019 г.)

Заинтересованные консультанты могут получить дополнительную информацию по указанному ниже адресу в рабочее время с $09^{00}$ до $17^{00}$ (по местному времени).

Резюме с сопроводительным письмом с указанием должности должны быть доставлены по указанному ниже адресу не позднее 20 сентября 2022 г., до $17^{00}$ (по местному времени).

**Кому: г-н Рахматзода Муродали,**

**Директор Центра реализации Проекта «Совершенствования управления водными ресурсами в Хатлонской области» Агентства по мелиорации и ирригации при Правительстве Республики Таджикистан.**

**Ул. Бохтар 10, г. Душанбе, РТ**
**Тел: +992 (372) 2278739; 2278786**
**E-mail: piu_dvip@mail.ru**

# REQUEST FOR EXPRESSIONS OF INTEREST

**TAJIKISTAN**
**IMPROVEMENT OF WATER RESOURCES MANAGEMENT IN KHATLON REGION PROJECT,**
**IsDB Loan No.TJK-1013**
**Consulting services: Selection of Irrigator Engineer**

**PROJECT BACKGROUND**

The Government of Tajikistan received loan from the Islamic Development Bank to finance the implementation of Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project, referred as “the Project”. The total Project cost is estimated at US$ 53.50 million. The Project will be financed by the Islamic Solidarity Fund for Development of the IsDB (ISFD), OPEC Fund for International Development (OFID), Saudi Fund for Development (SFD) and Government of Tajikistan. IsDB’s Contribution is US$ 15.00 million. The Agency for Land Reclamation and Irrigation under the Government of the Republic of Tajikistan is the Executing Agency and is entrusted in the execution and supervision of the implementation of the project through Project Implementation Unit Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region, located within the Agency for Land Reclamation and Irrigation. The legally binding terms and conditions of the financing are specified in the IsDB Loan Agreement no.No.TJK-1013, dated 28/08/2019, which may be amplified by supplemental letters and /or an amendment. The Project Appraisal Document (PAD) Report is also a useful source of information, although it is not legally binding.

**DEVELOPMENT OBJECTIVES OF THE PROJECT**

The Project development objective is to improve the livelihood of the rural population, through improvement of water resources management with resilience to climate change impacts. This will lead to increase in agriculture production, food security, increase in farm incomes, creation of jobs and alleviating the poverty.

**MAIN OBJECTIVES OF THE ASSIGNMENT**

The objective of the recruitment of the “Improvement of Water Resources Management” Project’s Irrigator Engineer is to improve implementation the project management. The Irrigator Engineer is selected through a competitive process in accordance with the IDB procedures.

**QUALIFICATION REQUIREMENTS:**

• Diploma from a university or college in hydro-engineering;

• Experience in the design and construction of irrigation and drainage infrastructure;

• Long-term experience in planning and supervising construction works;

• Good knowledge of local building codes and regulations; local knowledge, high sense of responsibility, excellent communication skills and team spirit are important factors;

• Experience of interaction with local authorities and communities; honesty and decency,

• Excellent communication skills in Russian and Tajik languages - oral and written; computer skills (MS Office).

• Ability to work in a team of various international and local consultants.

**EVALUATION CRITERIA BASIS:**

| № | Evaluation criteria | Max score |
|---|---|---|
| I | **Education** | |
| | a) higher engineering education, preferably in water supply and hydro melioration | 10 |
| | **Subtotal section I:** | **10** |
| II | **Qualification and experience** | **70** |
| | a) At least 10 years of experience in the design and construction of irrigation and drainage infrastructure; work experience on a construction site; | 25 |
| | b) At least 5 years of experience in planning and supervising irrigation and drainage works in international projects (IBRD, ADB, Islamic Bank, European Community, etc.), preferably; | 20 |
| | c) Good knowledge of local building codes and regulations; knowledge of local conditions; | 15 |
| | d) Experience of interaction with local authorities and communities; | 10 |
| | **Subtotal section II:** | **70** |
| III | **Special skills** | **20** |
| | a) Computer skills, (MS Office), Excel, Auto Cad | 10 |
| | b) Ability for analytical work and reporting and presentation skills; | 5 |
| | d) Fluency in Tajik, Russian | 5 |
| | **Subtotal section III:** | **20** |
| | **Total: (I)+(II)+(III)** | **100** |

The consultant will be selected in accordance with the procedures set out in the Guidelines for the Use of Consultants under Islamic Development Bank Financing (April 2019).

Interested consultants may obtain further information at the address below during office hours 09:00 to 17:00 (local time).

CVs with a cover letter with indication of position should be delivered to the address below by September 20, 2022, 17:00 (local time).

**Attn: Mr. Kholmurod Rakhmon,**

**Director**

**Agency for Land Reclamation and Irrigation under the Government of the Republic of Tajikistan**

**Project Implementation Unit**

**Project “Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region”**

**10 Bokhtar Street, Dushanbe, RT**
**Tel: +992 (372) 2278739; 2278786**
**E-mail: piu_dvip@mail.ru**

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

**САРМУҲАРРИР**
***АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло***

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
***Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов***

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 29 августи соли 2022, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

**Навбатдорони шумора**
**Н. Низомӣ ва Ш. Абдулвоҳидова**

**Тарроҳони компютерӣ**
**Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**